Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-63-и назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (734055, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5)

ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи доктории Субҳонзода Икром Субҳон дар мавзуи «Самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди муосири Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) пешниҳод шудааст.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ собит намудааст, ки соҳибкории саноатӣ, бахусус соҳибкории кишоварзӣ аз маъмултарин механизмҳои асосии рушди устувори иқтисодиёти кишвар маҳсуб ёфта, ба он таваҷҷуҳи махсус зоҳир мегардад. Бояд иброз намуд, ки яке аз масъалаҳои асосие, ки дар давоми чанд соли охир давлату хукумати кишвар ба он таваччуҳ менамояд, ин бахши соҳибкории истеҳсолӣ мебошад. Дар ҷомеаи пешрафта дар ҳама замон соҳибкорӣ ҳамчун бахши калидӣ ва асоси пешрафти иқтисодиёти ин ва ё он давлат маҳсуб ёфта, ба ҳамин хотир ба сатҳи рушду пешрафти он аҳамияти аввалиндараҷа медиҳанд.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ бори дигар собит намуд, ки бахши соҳибкории хурду миёна дар лаҳзаҳои душвортарин аз муҳимтраин бахшҳои калидии иқтисодиёти Тоҷикистон маҳсуб ёфта, он ба густариши тамоми соҳаҳои меҳварӣ таъсири аввалиндараҷа мерасонад. Дар ин робита, хусусиятҳои хос ва муҳими бахши соҳибкории хурду миёна ба сатҳи рушди уствори иқтисодӣ таъсиргузор буда, ба он имкониятҳои нав фароҳам оварда мешаванд. Бинобар ҳамин дар таҳқиқи масъалаи мазкур докторант бо назардошти тамоми имкониятҳои ҷойдошта масъалаи рушди соҳибкории истеҳсолиро мавриди баррасӣ қарор дода, дар ин самт ба як катор натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст.

Дар робита ба ин масъала, гуфтан мумкин аст, ки муаллифи рисолаи илмӣ барои баёни мушаххасоти масъалаи мазкур алоқамандӣ бо равишҳои институтсионалӣ, дарки равандҳои дастгирии соҳибкории истеҳсолиро аз нуқтаи назари ҷараёнҳои омилӣ муайян намудааст, ки барои қоҳиши вобастагӣ ба муҳити беруна дар самти воридот ва ҳамзамон, баланд бардоштани иқтидори содиротии кишвар, истифодаи як қатор имкониятҳоро дар бахшҳои воқеии иқтисодиёт, махсусан дар самти - саноат ва кишоварзӣ ошкор намуда, дар ин замина, зарурияти рушди имконияту иқтидорҳои дохилӣ дар коркарди ашёи хом, ба

маҳсулоти тайёр мубаддал намудани он ва як қатор масъалаҳои дигар ба монанди коҳиши вобастагӣ аз воридот, афзоиши ҳаҷми содирот, дар маҳалҳо, рушд додани истеҳсолоти инноватсионӣ, бартараф намудани маҳдудиятҳои ба соҳаи кишоварзӣ хосбуда, қонеъ гардонидани талаботи корхонаҳои саноатӣ бо ашёи хоми ватанӣ бахусус захираҳои минералии Тоҷикистон, баланд бардоштани сатҳи коркарди ашёи хом ва сохтани занҷираи истеҳсолот ва тақвияти иқтидори пурраи содиротӣ дар асоси кластерҳои истеҳсолӣ муайян ва онҳоро бо нишондиҳандаҳои мушаххас исбот ва асоснок намудааст. Бояд қайд намуд, ки ин масъалаҳо бевосита ба пешрафти доимии бахши соҳибкории саноатӣ дар қолабҳои инноватсионӣ тавассути коркардҳои муаллифӣ мусоидати ҳаматарафа менамояд. Ҳамзамон пешниҳод ва таҳлилҳои мавзуи мазкур боиси он гардид, ки муаллиф рисолаи илмиро дар сатҳи зарурӣ баррасӣ ва арзёбӣ намояд.

Бояд иброз намуд, ки ҳама масъалаҳои гузошташуда дар таҳқиқоти илмии мазкур роҳи ҳалли худро ёфта, бо пешниҳодҳои ҳадафмандона асоснок карда шудаанд.

Дар робита ба ин метавон гуфт, ки таҳқиқоти анҷомшудаи докторант дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон бисёр муҳим ва зарурӣ буда, умед аст, ки пешниҳоду хулосаҳои он дар пешрафти иқтисодиёти миллӣ саҳми бориз мегузорад. Дар илова ба ҳамаи дастоварду муваффақиятҳо агар муаллифи рисолаи илмӣ ба баъзе масъалаҳои мавриди назар таваҷҷуҳ зоҳир менамуд, моҳияти илмии рисолаи докторӣ бозҳам бехтар мегардид Новобаста аз муваффақиятҳои илмӣ дар таҳқиқот муайяншуда, ҳамзамон баъзе пешниҳоду тавсияҳоро, ки харчанд раванди таҳлили кори илмиро кам намесозад, пешниҳод менамоям:.

1.Агар сатҳи вобастагии рушди фаъолияти соҳибкории истеҳсолиро ба сохтору соҳаҳои алоҳида аз рӯи меъёрҳо тафрикабандӣ менамуданд, моҳияти таҳқиқоти илмӣ амалан дигаргун мегардид.

2.Дар автореферати диссертатсияи илмӣ баъзе хатогиҳои имлоӣ ҷой доранд, ки тибқи меъёрҳои мукарраршуда ба илмияти рисолаи докторӣ таъсири манфӣ намерасонад.

Бояд гуфт, ки тавсияхо ва эродҳои пешниҳодгардида хусусияти ҷузъӣ дошта, ба мазмун ва мундариҷаи рисолаи докторӣ таъсир намегузорад.

Қайд кардан зарур аст, ки диссертатсияи такризшаванда дар мавзуи «Самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди муосири Тоҷикистон» аз рӯи натиҷаҳои илмӣ ва амалии худ ҷавобгӯи

талаботи бандҳои 31 ва 33–и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, №591, тасдиқ шудааст буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси: 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) мебошад.

доктори илмҳои иқтисодӣ,
директори МД “Маркази такмили ихтисос
ва бозомӯзии кормандони низоми меҳнат,
муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ” Қаюмӣ Ш.Т.

Имзои д.и.и. Қаюмӣ Ш.Т. -ро тасдиқ менамоям:

Мудири бахши кадрҳо ва
ҳуқуқи муассиса Ашуров А.А.

„03” 11 2026

Суроға: 734033, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Борбад 71, E-mail: mti _2015@mail.ru, тел: +992 (372) 2317628